**ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**

Директори Институти таърих,
бостоншиносӣ ва мардумшиносии
ба номи А. Дониши Академияи
илмҳои Ҷумуҳурии Тоҷикистон,
доктори илмҳои таърих, профессор
_____________ Убайдулло Н.К.
«6» декабри соли 2019

**Хулосаи**

шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рисолаи диссертатсионии унвонҷӯ Холмуродова Меҳрафруз Буриевна «Таърихи раванди оштии миллии тоҷикон дар ҷанги шаҳрвандӣ (солҳои 1991-2001)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PHD аз рӯи ихтисоси 07 00 02 – таърихи ватанӣ (илмҳои таърихӣ).

Рисолаи илмии Холмуродова Меҳрафруз Буриевна «Таърихи раванди оштии миллии тоҷикон дар ҷанги шаҳрвандӣ (солҳои 1991-2001)» дар кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи А. Рудакӣ омода шудааст.

Унвонҷӯ Холмуродова Меҳрафруз Буриевна, соли таваллудаш 1991, соли 2013 факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи А. Рудакиро бо ихтисоси муаллими таърих ва ҳуқуқ хатм кардааст. Аз 30 маи соли 2019 дар вазифаи муаллими калони кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи А. Рудакӣ кор мекунад.

Маълумотномаи академӣ, ки Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи А. Рудакӣ додааст, гувоҳӣ медиҳад, ки унвонҷӯ Холмуродова Меҳрафруз Буриевна имтиҳонҳоро тибқи талабот супоридааст.

Рисолаи илмии унвонҷӯ Холмуродова Меҳрафруз Буриевна дар ҷаласаи шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ

ва мардумшиносии АИ ҶТ муҳокима ва барои дифоъ пешниҳод карда шуд.

Дар муҳокима ширкат намуданд: Ғафуров А.М., мудири шуъба, номзади илмҳои таърих, дотсент, Абулҳаев Р., доктори илмҳои таърих, профессор, Ҳотамов Н.Б., доктори илмҳои таърих, профессор, Абдурашитов Ф., доктори илмҳои таърих, Каримова Р., номзади илмҳои таърих, ходимони илмии шуъба Мирзоев Ҷ., Мусоев Ё., Акрамов М., Ҳусейнӣ Х., унвонҷӯ Холмуродова М.Б.

Дар натиҷаи муҳокимаи рисолаи Холмуродова М.Б.хулосаи зерин пешниҳод шуд:

**Мубрамияти мавзуъ** дар он зоҳир мешавад, ки таърихи ҷанги шаҳрвандӣ ва раванди оштии миллии тоҷикон барои мардуми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъмини рушди ояндаи мамлакат аҳамияти бузурги таърихию сиёсӣ дорад. Зеро дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ, ки соҳаҳои ҳаётан муҳими халқу мамлакат аз он зиёни ҷиддӣ дида буданд, мамлакатро бухрони ҷиддии иқтисодӣ, сиёсӣ ва гуманитарӣ фаро гирифта буд. Ҳатто хавфи аз харитаи сиёсии ҷаҳон нест гардидани Тоҷикистон низ аз эҳтимол дур набуд ва баъзе омилҳои аз даст рафтани истиқлолияти бадастомада низ имконпазир гардида буд. Маҳз дар ҳамин давраи ҳассос неруҳои сулҳофар ва ақлҳои солим тавонистанд, ки мамлакатро аз вартаи нестшавӣ наҷот диҳанд ва садҳо ҳазор шаҳрвандони сарсону саргардонро ба ҳаёти осоишта раҳнамун созанд.

**Саҳми шахсии муаллиф дар натиҷагирии мавзуъ** дар он ифода меёбад, ки ӯ дар асоси манбаъҳои муътамад, шумораи зиёди асарҳои нашргардида ва матбуоти даврии солҳои 1990-ум доир ба раванди оштии миллии тоҷикон бори нахуст дар илми таърихи ватанӣ таҳлили маҷмӯии таҳқиқотӣ мазкурро анҷом додааст. Дар натиҷаи омӯхтани сарчашмаҳои гуногун муаллиф онҳоро дар маҷмӯъ таҳлил намуда, роҳҳои минбаъдаи ҳалли мунокишаҳои сиёсиро дар мисоли раванди оштии миллии тоҷикон пешгӯӣ менамояд.

Роҷеъ ба дараҷаи омухта шудани мавзуъ бояд зикр намуд, ки мавзӯи мазкур рӯзмарра буда, то ин дам диққати муҳаққиқон ва зиёиёнро ба худ ҷалб намудааст. Вале мавзӯи таҳқиқшаванда аз ҷониби олимону донишмандони соҳа ба таври мақсаднок ва комплексӣ омӯхта нашудаст, ки ин фикр дар мавриди таҳлили асарҳои мавҷуда аз ҷониби муаллиф асоснок карда шудааст.

**Мақсади таҳқиқот** – мавриди омӯзиш қарор додани хусусиятҳои таърихи раванди оштии миллии тоҷикон дар ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997-ум, баррасӣ намудани мушкилот ва монеаҳои он мебошанд. Дар диссертатсия масъалаҳои зерин баррасӣ шудаанд: таҳлил ва омӯзиши омилҳои дохилию хориҷӣ муайян намудани сабабҳои сар задани ҷанги шаҳрвандӣ ва нишон додани заминаҳои гуногуни ташаккулёбии равандҳои иҷтимоию сиёсӣ дар солҳои аввали истиқлолият, омӯзиш ва баррасии марҳилаҳои асосии гуфтушунидҳои тарафҳои даргир, нишон додани заминаҳои таърихии таъсиси ҳайати тарафҳои раванди оштии миллӣ ва мавриди баррасӣ қарор додани самтҳои фаъолияти онҳо, нишон додани нақши неруҳои сулҳофари ИДМ ва созмонҳои байналмилалӣ дар раванди оштии миллии тоҷикон, муайян намудани заминаҳои таърихии ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ, ризоияти миллӣ, натиҷа ва мақоми таърихии он.

**Навоварии таҳқиқот** – дар рисолаи мазкур дар заминаи таҳлили доираи васеи ҳуҷҷатҳои расмӣ бори аввал дар чунин шакл ба таври комплексӣ таърихи раванди оштии миллии тоҷикон дар ҷанги шаҳрвандии солҳои 1991-2001 мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Навоварии таҳқиқот мушаххастар ба таври зерин нишон дода мешавад:

– бо мақсади мушаххасан нишон додани сабаб ва омилҳои сар задани ҷанги шаҳрвандӣ, аз қабили саршавии бетартибиҳои дохилӣ, оғози амалиётҳои ҳарбӣ, бархӯрди неруҳои сиёсӣ ва дар маҷмӯъ таърихи ҷанги шаҳрвандӣ (1991-2001) мавриди баррасӣ қарор дода шудааст;

– марҳилаҳои асосии гуфтушунидҳои ҷонибҳои бо ҳам муқобил мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода шуда, монеаҳо, мушкилот, омилҳои таъсиррасон ва баъзе хусусиятҳои давраи баргузории гутушунидҳо муайян карда шудааст;

– таърихи таъсиси ҳайати тарафҳои раванди оштии миллӣ мавриди таҳлил қарор дода шуда, нақш ва саҳми онҳо дар танзими ҷанги шаҳрвандии байни тоҷикон нишон дода шудааст;

– нақши созмонҳои байналмилалӣ ва давлатҳои узви ИДМ дар танзими ҷанги шаҳрвандӣ, дар самти муҳайё намудани шароит барои баргузор намудани гуфтушуниҳдҳо ва дар самти расонидани кӯмакҳои ҳарбию сиёсӣ, иқтисодию гуманитарӣ возеҳу равшан гардонида шудааст;

– раванди дар амал татбиқ гардидани талаботи Созишномаи уммии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, натиҷа ва мақоми таърихии он мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шуда, натиҷаҳои амалии он нишон дода шудааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот.** Бори аввал бо чунин шакл ва мазмун дар асосии таҳлили доираи васеи ҳуҷҷатҳои расмии дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ баимзорасида воқеияти сиёсӣ ва буҳрони ҳарбии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд. Бинобар ин, таҳлилҳои илмии рисола барои омӯзиши таърихи ҷанги шаҳрвандӣ, таърихи сиёсии Тоҷикистон ва умуман барои омӯзиши таърихи раванди оштии миллии тоҷикон барои кормандони соҳаҳои илм маводи илмӣ ва фактологӣ ба шумор меравад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот.** Маводи диссертатсия дар раванди таълим барои омӯзиши таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол, таърихи ҷанги шаҳрвандӣ ва барои омӯзиши даҳсолаи аввали таърихи навини Тоҷикистон аҳамияти муҳиму хосса дорад. Хулосаҳои таҳқиқот ва таҳлилҳои илмии дар рисола ҷойдошта барои нишон додани воқеияти сиёсии солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва инъикоси чанд соли марҳилаи

баъдиҷангӣ, инчунин аз ҷониби омӯзгорони фанҳои ҷомеашиносӣ низ метавонанд мавриди истифода қарор дода шаванд.

**Татбиқи натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Диссертатсия дар кафедраи таърих халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ омода ва муҳокима гардида, барои ҳимоя тавсия шудааст. Хулосаҳо ва натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар як монография ва 10 мақолаи илмии муаллиф дарҷ гардидаанд.

Диссертатсияи Холмуродова Меҳрафруз Буриевна «Таърихи раванди оштии миллии тоҷикон дар ҷанги шаҳрвандӣ (солҳои 1991-2001)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PHD аз рӯи ихтисоси 07 00 02 – таърихи ватанӣ (илмҳои таърихӣ). тавсия карда мешавад.

Хулоса дар маҷлиси шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шудааст.

Дар ҷаласа ширкат доштанд – 9 нафар

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 9, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

Протоколи № 11 аз 6 декабри соли 2019.

Мудири шуъбаи таърихи
навтарини Институти таърих,
бостоншиносӣ ва мардумшиносии
ба номи А. Дониши Академияи
илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои таърих, дотсент Ғафуров А.М.

ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ

Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, доктори илмҳои физика математика, узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессор Абдулло Ҳабибулло

_____________________________

«____» ____________ соли 2019

## ХУЛОСАИ
## Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Диссертатсияи Холмуродова Меҳрафрӯз Буриевна дар мавзӯи: «Таърихи оштии миллии тоҷикон дар ҷанги шаҳрвандӣ (солҳои 1991-2001)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих дар кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ иҷро гардидааст.

Дар давраи омода гардидани диссертатсия Холмуродова Меҳрафрӯз Буриевна докторанти (PhD) кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ маҳсуб меёфт.

Холмуродова Меҳрафрӯз Буриевна соли 2013 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакиро бо ихтисоси таърих хатм намудааст.

Соли 2015 магистратураи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакиро бо ихтисоси таърих хатм кардааст.

Соли 2018 Докторантураи (PhD) бо ихтисоси таърих дар назди кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб бо баҳои 5 (аъло) хатм намудааст.

**Роҳбари илмӣ** – Абдуллоев Маҳмуд Холович, доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ.

Диссертатсияи Холмуродова Меҳрафрӯз Буриевна дар ҷаласаи васеи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ муҳокима гардида, барои ҳимоя тавсия шудааст. Дар раванди муҳокимаи диссертатсия иштирок намуданд: доктори илмҳои таърих, профессор Абдуллоев М.Х., д.и.т.профессор Абдуназаров Х., номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Муродова Г.Р., номзади илмҳои таърих Боқиев Р.У.,н.и.т.дотсент Аъзамов Х.С., н.и.с. дотсент Назаров П., муаллими калон: Сафаров Х.Х., ассистентони кафедра Исуфов Ш., Мирзоев С., Бозоров С.Б., Исмоилов З.И., Бадалов И., Саидамони Г.

**Ҳайати омӯзгорони кафедраи таърихи халқи тоҷик нисбат ба диссертатсияи Холмуродова М.Б. хулосаи зеринро пешниҳод менамоянд:**

Диссертатсияи Холмуродова М.Б. ба омӯзиши яке аз масъалаҳои муҳимтарини таърихи навини Тоҷикистони соҳибистиқлол бахшида шуда, дар он паҳлуҳои гуногуни ҷанги шаҳрвандии мамлакат, раванди баргузории гуфтушунидҳои ҷонибҳои бо ҳам муқобил ва умуман таърихи оштии миллии тоҷикон мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Хусусиятҳои илмии диссертатсия ва ҷанбаъҳои назариявию методологии мавзӯи таҳқиқотӣ ба осонӣ мушоҳида мегардад. Диссертатсияи мазкур мустақилона омода гардида, таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба шумор меравад ва он аҳамияти назариявию амалӣ дорад. Дар раванди таҳқиқот муаллиф доираи васеи адабиёти илмӣ ва ҳуҷҷатҳои расмиро мавриди омӯзиш қарор дода, дар заминаи таҳлили ҳамаҷонибаи онҳо паҳлуҳои гуногуни давраи таҳқиқотиро баррасӣ намудааст. Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот дар амал татбиқ гардида, хулосаҳо ва натиҷаҳои бадастомада илман асоснок гардидаанд. Муаллиф дар раванди таҳқиқот методҳои илмии соҳаи таърихро истифода намуда, таҳқиқоти илмиро мустақилона ба анҷом расонидааст.

Муҳиммияти омӯзиши мавзӯъ: Омӯзиши мавзӯи мазкур дар замони соҳибистиқлолӣ яке аз масъалаҳои муҳиме ба шумор меравад, ки барои дарку фаҳмиши ҷангӣ таҳмили ва равандӣ сулҳофарии тоҷикон муҳимияти махсус дорад. Дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ, ки соҳаҳои ҳаётан муҳими халқу мамлакат аз он зиёни ҷиддӣ дида буданд, мамлакатро буҳрони ҷиддии иқтисодӣ, сиёсӣ ва гуманитарӣ фаро гирифта буд. Ҳатто хавфи аз харитаи сиёсии ҷаҳон нест гардидани Тоҷикистон низ аз эҳтимол дур набуд ва аз даст рафтани истиқлолияти бадастомада низ имконпазир гардида буд. Маҳз дар ҳамин давраи ҳассос неруҳои сулҳофар ва ақлҳои солим тавонистанд, ки мамлакатро аз вартаи нестшавӣ наҷот диҳанд ва садҳо ҳазор шаҳрвандони сарсону саргардонро ба ҳаёти осоишта раҳнамун созанд. Инчунин дарки моҳияти оштии миллии тоҷикон имкон медиҳад, ки дар мамлакат аҳамият ва арзиши Ваҳдати миллиро дар замири ҷавонон ба таври зарурӣ талқин намоем ва онҳоро аз неъмати сулҳу субот ва амнияту оромӣ бархӯрдор созем. Навоварии таҳқиқот дар рисолаи мазкур дар заминаи таҳлили доираи васеи ҳуҷҷатҳои расмӣ бори аввал ба таври комплексӣ таърихи оштии миллии тоҷикон мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Навоварии таҳқиқотро мушаххастар ба таври зерин нишон додан мумкин аст: бо мақсади хубтару беҳтар нишон додани сабабҳо ва омилҳои сар задани ҷанги шаҳрвандӣ, ба таври мушаххас чунин масъалаҳо, аз қабили саршавии бетартибиҳои дохилӣ, оғози амалиётҳои ҳарбӣ, бархӯрди неруҳои сиёсӣ ва дар маҷмӯъ таърихи ҷанги шаҳрвандӣ

мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд; марҳилаҳои асосии гуфтушунидҳои ҷанибҳои бо ҳам муқобил мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода шуда, монеаҳо, мушкилот, омилҳои таъсиррасон ва баъзе хусусиятҳои давраи баргузории гуфтушунидҳо муайян карда шудаанд; таърихи таъсиси комиссияҳои фаврии оштии миллӣ мавриди таҳлил қарор дода шуда, нақш ва саҳми онҳо дар танзими низои сиёсии тоҷикон нишон дода шудаанд; нақши созмонҳои байналмилалӣ ва давлатҳои узви ИДМ дар танзими низои сиёсии ҷомеаи тоҷик, дар самти муҳайё намудани шароит барои баргузор намудани гуфтушунидҳо ва дар самти расонидани кӯмакҳои ҳарбию сиёсӣ, иқтисодию гуманитарӣ возеҳу равшан гардонида шудаанд; раванди дар амал татбиқ гардидани талаботи Созишномаи уммии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шуда, натиҷаҳои мусбии он нишон дода шудаанд.

Дар раванди таҳқиқот муаллиф доираи васеи ҳуҷҷатҳои расмии дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ баимзорасидаро мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода, дар заминаи онҳо воқеияти сиёсӣ ва буҳрони ҳарбии Тоҷикистонро мавриди баррасӣ қарор додааст. Аз ин рӯ, диссертатсияи мазкур барои омӯзиши таърихи ҷанги шаҳрвандӣ, таърихи сиёсии Тоҷикистон ва умуман барои омӯзиши таърихи оштии миллии тоҷикон барои таҳқиқотчиён маводи илмӣ ва далелҳои асоснокшуда ба шумор меравад.

Хулосаҳои таҳқиқот ва таҳлилҳои муаллиф барои омӯзиши таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол, таърихи ҷанги шаҳрвандӣ ва барои омӯзиши даҳсолаи аввали таърихи навини Тоҷикистон муҳимияти хоса дорад. Таҳлилҳои илмии дар диссертатсияи мазкур ҷойдошта инчунин барои нишон додани воқеияти сиёсии солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва инъикоси чанд соли марҳилаи баъдиҷангӣ хеле аҳамиятнок мебошанд.

Дурустии натиҷаҳои бадастомада ба воситаи таҳқиқи илмии диссертатсия, методология ва методҳои истифодашуда, адабиёти илмӣ ва сарчашмаҳои истифодашуда ва аз ҷониби муаллиф мустақилона мавриди омӯзиш қарор гирифтани мавзӯи таҳқиқотӣ асоснок карда мешавад. Муаллиф дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқот фаъолият намуда, натиҷаҳои пажуҳиши худро дар шакли мақолаҳои илмӣ ва монография чоп намудааст.

Мазмуну мундариҷаи диссертатсия ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ буда, таҳқиқоти илмии мазкур анҷомёфта ба шумор меравад. Авторефератӣ диссертатсия муҳтавои асосии таҳқиқоти мазкурро пурра ифода менамояд. Хулосаҳои таҳқиқоти анҷомшуда дар мақолаҳои илмии муаллиф, ки аксарашон дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда чоп гардидаанд, инъикос ёфтаанд. Муаллиф дар алоқамандӣ бо мавзӯи таҳқиқшаванда дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии

Тоҷикистон 6 мақолаи илмӣ, 1 монография ва 4 мақола дар дигар нашриёҳо чоп намудааст.

Ҳамин тариқ, Холмуродова М.Б. аз ӯҳдаи анҷом додани таҳқиқоти илмӣ баромада, вазифаҳои дар назди худ гузошташударо пурра иҷро намудааст. Диссертатсияи ӯ кори илмӣ таҳқиқотии мустақилонаи анҷомдодашуда мебошад, ки дар омӯзиши минбаъдаи таърихи оштии миллии тоҷикон ва таърихи ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон заминаи муҳими илмию назариявӣ гузошта метавонад.

Маводи дар диссертатсия истифодашуда, инчунин ҷанбаҳои назариявию методологии диссертатсияи мазкур бо ихтисоси 6D020300 – Таърих, мувофиқат менамоянд. Диссертатсия аз рӯи натиҷаҳои назариявӣ ва хулосаи илмӣ, тавсияҳои амалӣ ва сатҳу сифати таҳияи худ ба талаботи Низомномаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки нисбат ба таҳияи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос тавсия гардидаанд, ҷавобгӯ мебошад.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Холмуродова М.Б. дар мавзӯи: «Таърихи оштии миллии тоҷикон дар ҷанги шаҳрвандӣ (солҳои 1991-2001)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих барои ҳимоя тавсия карда мешавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи васеи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ 26 декабри соли 2018 қабул гардидааст.

Дар ҷаласаи кафедра 13 нафар иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 13 нафар, зид – нест, бетараф – нест. Суратмаҷлиси №2 аз 26 декабри соли 2018.

________________ **Боқиев Рузибек Усмонович – номзади илмҳои таърих, мудири кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

**Имзои н.и.т. Боқиев Р.У. ро тасдиқ менамоям.**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДК ба номи А.Рӯдакӣ**

**Ятимов Ҳомид ________________**

**735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**Вилояти Хатлон, ш.Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров, 16.**
**Тел.: (+992 3322) 2-35-06**
**E-mail: info@kgu.tj**